

Мақолаҳо


بسم الله الرحمن الرحیم

Мавзӯъи мақола:

Мисдоқшиносии мавонеъи шиноxт

Нависандаи мақола:

Мӯҳсини Ҳусейнӣ

Таваҷҷуҳ: **Дидгоҳи дарҷ шуда дидгоҳи ирсолии яке аз корбарон аст ва лузуман дидгоҳи ин дафтар маҳсуб намешавад.**

Мисдоқшиносии мавонеъи шинохт



Шояд битавон гуфт муҳимтарин дилмашғулӣ ва дағдағаи инсон имрӯз, интихоби масирӣ саҳиҳ ва равишӣ устувор барои роҳёбӣ ба соҳати ҳақиқат аст; Масире ки растгориро барои ӯ ба армуғон оварад ва равише ки ӯро аз инҳироф ва авҷоҷ дар ҷаҳонбинияшон масвун бидорад. Лизо ӯ ба дунболи матлубе аст ки бо он руҳи пурсишгари хешро ором кунад ва донойи ва огоҳиро барои фитрати ҳақиқатҷӯяш ба армуғон оварад. Ба ҳамин хотир аст ки ҳамвора дар ҳоли пӯйиш ва баррасӣ ва машғули озмун ва хато будааст. Лекин бо ин вуҷуд, дар масири ин ковиши торихӣ ва тақаллои тӯлонӣ, ғолибан ноком монда ва муваффақ набудааст. Таҳлили таҷрибӣ ва истиқроъӣ аз зиндагии инсон ҳокӣ аз он аст ки ин нокомии торихӣ ба ду далил будааст:

Мисдоқшиносии мавонеъи шинохт

Яке онки инсон меъёри собит ва мустақилле барои шинохти ҳақ аз ботил ва тамйизи дуруст аз нодуруст надошта ва навъан муттакӣ ба доштаҳои маҳдуд ва ёфтаҳои нисбии худ будааст ва дигарӣ онки дучори мавонеъӣ шум ва роҳзанонӣ хатарнок шудааст ки ӯро аз шинохти комил ва саҳиҳ боздошта ва ба ҳазизи нодонӣ ва гумроҳӣ дарандохтааст. Лизо ҳамвора огоҳии комил дар бораи <<Меъёри шинохт>> ва <<Мавонеъи шинохт>> аз бунёдитарин ва заруритарин донишҳои абзорӣ мавриди ниёзи башар буда ва ҳаст. Аз ҳамин рӯст ки раҳбари муҷоҳид ва муъаллими фарзонаи мо ҳазрати аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъолло дар китоби шарифи <<Бозгашт ба Ислом>> пеш аз ҳар чиз, ба ташриҳи мабоҳиси маърифатшиносона аз қабили меъёр ва мавонеъи шинохт мепардозад. Эшон дар мақоми табйини меъёри шинохт мефармояд:

> <Танҳо чизе ки метавонад меъёри шинахти инсон бошад <<Ақл>> аст; Чароки ақл, танҳо абзори шинохти одамӣ аст ва қувваи мудрикае ҷуз он дар нафси ӯ вуҷуд надорад. Ба иборати дигар, барои ақл ҷойгузине нест ки дар арзи он қарор дошта башад ва битавонад аз он бениёз кунад ва ин як амри маҳсус ва виҷдонӣ аст. Вонгаҳе шинохти инсон амалан ба василаи ақл анҷом мешавад ва ризоят ё кароҳати ӯ таъсире бар ин воқеъият надорад; Чароки ин воқеъият, хислати зотии инсон ва хилқати Парвардигори Ҳаким аст ва бо ин авсоф, тағйири он тавассути инсон, мумкин нест.>[1]

Бо ин васф, ногуфта пайдост ки як инсони <<Беақл>> хоҳ ба маънои инсонӣ девона ва хоҳ ба маънои инсонӣ сағир ё сафиҳ, қодир ба шинохти ҳақ нест ва аз ин рӯ, мукаллаф ба он ҳам маҳсуб намешавад. Аммо инсоне ки аз неъмати ақл бархурдор аст ва табъан мукаллаф ба шинохти ҳақ маҳсуб мешавад ҳам гоҳе аз ин кор оҷиз мешавад, ҷуз онки ин аҷз бар хилофи аҷзи инсони девона, сағир ё сафиҳ, аз рӯӣ қасвари ӯ нест, балки аз рӯӣ тақсири ӯст; Чароки шинохти ҳақ ба муқаддамоте ниёз дорад ва ӯ худ дар таҳсили ин муқаддамот кӯтоҳӣ кардааст.

1 . Бозгашт ба Ислом, с22 ва 23

Ҳазрати аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъолло муқаддамоти шинохтро илтизом ба ақл ва иҷтиноб аз мавонеъи шинохт мешуморад ва сипас мавонеъи шинохтро дар 7 маврид эҳсоъ мекунад ва бо рӯйкардӣ олимона ва нигаришӣ пуё ва корбурдӣ ба табйини мафоҳим ва зикри масодиқи ҳар кадом мепардозад. Бино бар таърифи эшон мавонеъи шинохт, авомили шум ва хатарноке дар нафси одамӣ ҳастанд ки муҷиби ихтилол ё заъфи коркарди ақл ба унвони абзори шинохт мешаванд ва табъан ба унвони чӯбе дар чархи он, инсонро аз роҳёбӣ ба ҳақиқат бозмедоранд. Бинобарин, барои шинохт ва роҳёбӣ ба ҳақиқат, чорае нест ҷуз онки ин мавонеъи номаймун, шиносойи ва бартараф шаванд. Бо иноят ба аҳмият ва зарурати ин масъала, мо дар ин навиштор ба таҳлили мисдоқии <<Мавонеъи шинохт>> ва рафторшиносии мубталоёни ба онҳо мепардозем ва якояки онҳоро бо назар ба раҳнамудҳои муъаззамулаҳ ва маҷмӯъаи додаҳои илмӣ ва таҷрибӣ мавриди таҷзия ва таҳлил қарор медиҳем. Умед меравад ки ин навиштор, иноятe ба мубаллиғони мусалмон ва роҳнамойи барои даъватгарон ба сӯӣ Исломи комил ва холис бошад; Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки шиносойи ва рафъи мавонеъи шинохт яке аз муҳимтарин вазифаи мубаллиғон ва даъватгарони мусалмон шумурда мешавад.

1 . Ҷаҳл

Ҷаҳл бино бар таърифи ҳазрати аллома, ба маънои фиқдони илм аст ва ба таъбири эшон <<Асли ҳамаи мавонеъи шинохт аст; Чароки нисбати он бо шинохт, монанди нисбати чизе бо зидди худ аст ва ҳеҷ монеъӣ нест магар инки аз он бархоста>>.[1] Эшон ҷаҳлро аз ҳайси мавзӯъ ва мутаъаллиқи он ба се даста тақсим намуда ва мӯътақид аст ки мусалмонон аз се ҷиҳат дар муҳосираи ҷаҳолат ҳастанд;

1–1. Ҷаҳли ба Ислом

Иддае ҷоҳили ба Ислом ҳастанд; Яъне ба дурустӣ ё ба андозаи кофӣ бо ақойид ва аҳкоми он ошнойи надоранд ва онон бо вежагиҳои зер шинохта мешаванд:

1 . Бозгашт ба Ислом, с36

А) Дағдаға ё кӯшише барои шинохти Ислом надоранд:

Ҳазрати аллома дар бораи ҷоҳилони ба Ислом мефармояд: <<Онон Исломро намешиносанд ва барои шинохти он кӯшиш намеварзанд; Балки кӯшиши онон масруфи ба дунёст ва шинохти онон мубтанӣ бар тақлид аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿مَا لَهُمْ بِهِ مِنْ عِلْمٍ إِلَّا اتِّبَاعَ الظَّنِّ﴾;[1] <<Ононро ба он илме нест магар пайравӣ аз занн>>![2] Лизо ин афрод бо бетафовутӣ ва лоуболигарӣ дар касби илм ва тафаққуҳ дар дин шинохта мешаванд. Албатта касоне аз онон ки ба истилоҳ мутадаййин маҳсуб мешаванд, ин бетафовутӣ ва лоуболигарии худро дар пӯшиши тақлид аз олимон пинҳон мекунанд ва касони дигар ки ба истилоҳ чандон мутадаййин маҳсуб намешаванд, ба хотири гирифторӣ ва иштиғол ба дунё аз амал ба ин вазифа худдорӣ мекунанд, вале шабоҳати ин ду гурӯҳ бо якдигар ин аст ки агар дар мавриди усул ё фуруъи шариъат аз онон бипурсед, посухи илмӣ ва мустадалле барои шумо надоранд.

Б) Беш аз усул ва ақойиди шариъат ба фуруъ ва зоҳири он аҳмият медиҳанд:

Бисёрӣ аз ҷоҳилони ба Ислом, амалгаро, пур энержӣ, ҳаяҷонӣ, дорои авотифи тунд ва тези динӣ ва ба истилоҳ <<Инқилобӣ>> ҳастанд ва тамаркуз ва эҳтимоми вежае бар рӯӣ иқомаи шиъори динӣ ба сурати омиёна доранд, дар ҳоле ки мутаъассифона шинохтӣ ақлонӣ аз Ислом надоранд ва аз огоҳиҳои зарурӣ дар бораи он бебаҳра ҳастанд. Инон ба таъбири ҳазрати аллома <<Муҳиббӣ ҷоҳил>> ва <<Омили ғофил>> ҳастанд ки нохоста ва нодониста бо аъмоли ҷоҳилонаи хеш ба Ислом зиён мерасонанд ва ба ҷои хидмат ба он, хиёнат мекунанд. Ин афрод бо зоҳирбинӣ ва қишригарӣ шинохта мешаванд. Монанди он идда аз шиъаён ки барои зикри мусибат ва ибрози иродат ба аҳли байти Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам худзанӣ мекунанд ва бо иқдомотӣ муҳин ва нохушоянд, асбоби ваҳни шиъори Исломиро фароҳам менамоянд ё монанди он идда аз гурӯҳакҳои такфирӣ ки ба тасаввури воҳии хеш фаризаи ҷиҳод (!) ро эҳё мекунанд, дар ҳоле ки ҷуз фитнаангезӣ

1 . Нисоъ/ 157
2 . Бозгашт ба Ислом, с38

ва ифсоди дар замин коре анҷом намедиҳанд.

1–2 . Ҷаҳли ба аҳли Ислом

Иддаъи дигар ҷоҳили ба аҳли Ислом ҳастанд; Яъне сойири мусалмонон аз гурӯҳҳо ва мазоҳиби дигарро ба дурустӣ ё ба андозаи кофӣ намешиносанд ва онон бо вежагиҳои зер шинохта мешаванд:

А) Дарунгароӣ ва муҳофизакории шадид:

Ҷоҳилони ба аҳли Ислом, ғолибан касоне ҳастанд ки мусалмонон аз мазоҳиб ва гурҳҳои дигарро ба хубӣ намешиносанд ва таъоммули чандоне бо онон надоранд; Чароки дар локи худхоҳӣ ва худҳақпиндорӣ фуру рафтаанд ва ба касе ғайр аз гурӯҳ ва мазҳаби худ эътино намекунанд. Ба ҳамин хотир аст ки дар ин афрод, ҳеҷ ангезаи ҷиддӣ ва қобили таваҷҷуҳе барои баррасии мунсифона ва шинохти дақиқи сойири гурӯҳҳо ва мазоҳиби Исломӣ дида намешавад, балки ҳамвора аз ин кор фирор мекунанд ва баҳона меҷӯянд; Ҳамчунонки аксарияти қариб ба иттифоқ аҳолии мазоҳиб, танҳо ба манобеъи расмӣ ва мавриди қабули мазҳаби худ мурочиъа мекунанд ва ба манобеъи дигарон ҷуз барои айбҷӯйи ё ишколтарошӣ мурочиъае надоранд. Ҳамин дарунгаройи ва муҳофизакории муфрат, вежагии боризи ин гурӯҳ шумурда мешавад.

Б) Рафторҳои хасмона мубтанӣ бар пешдовариҳои ғалат ва ғайри мунсифона:

Бино бар ончи гуфта шуд, мутаъассифона ҷоҳилони ба Ислом сирфан бар асоси пешзеҳниятҳо, илқоъоти бепоя ва таблиғоти муғризона дар мавриди дигарон қазоват мекунанд, лизо бо камоли таъассуф вуҷудашон оканда аз буғзи бидуни далил ва адовати кӯр кӯрона нисбат ба касоне мешавад ки ба дурустӣ рӯйкардҳои ононро намедонанд, монанди қозии беинсофе дар як маҳкамаи саҳройи ки пеш аз шунидани дифоъиёти муттаҳам, ӯро ба муҷозот маҳкум менамояд! Ин ҳамон рӯйкарди носавобе аст ки ба таъбири ҳазрати аллома муҷиби <<Бадгумонӣ, бадгӯйи ва бадкории>> мусалмонон нисбат ба дигарон шудааст ва ҳамин аносури сегонаи ноҳанҷор аст ки муҷиби шинохти масодиқи ин ҷоҳилон мешавад.

1–3 . Ҷаҳли ба душманони Ислом

Иддаъе ҳам ҷоҳил ба душманони Ислом ҳастанд; То ҳадде ки бо дӯстони Ислом душманӣ мекунанд, аммо душманони Исломро дӯсти он мепиндоранд ва аз адовати онон бо Ислом ва хусуматашон нисбат ба мусалмонон огоҳӣ надоранд ва онон бо руҳиёт, рафторҳо ва вежагиҳои зер шинохта мешаванд:

А) Таҳаҷҷур, тангназарӣ ва нигаришҳои қишрӣ:

Яке аз вежагиҳои боризи ҷоҳилони ба душманони Ислом, адами тамйизи дӯст аз душман ва халти ин ду бо якдигар аст. Дар назари инон бархӣ ихтилофоти ҷузъӣ ва беаҳмаият миёни мусалмонон, ба шакли фавқулъодаи бузург ва ғайри қобили қабули иғмоз ҷилва мекунад; То ҷойе ки ҳозиранд барои мавзуъоти сатҳӣ ва пеши по афтодае монанди даст баста ё даст боз намоз хондан ё наҳваи вузуҳ гирифтан, то марзи тавҳин ва такфири якдигар пеш бираванд! Лизо инҳо тамаркузи хешро бар душманӣ бо мусалмонон гирифтаанд, то ҷойе ки ҳатто аз душманӣ бо душманони воқеъии хеш ғофил мешаванд ва чи басо ба сукут ва мудоро бо онон рӯй меоваранд. Дар маҷмӯъ метавон гуфт сахтгирӣ ва тангназарӣ нисбат ба пайравони сойири мазоҳиб ва гурӯҳҳои Исломӣ дар бораи умури сатҳӣ ва кам аҳмаият вежагии боризи ин афрод аст.

Б) Сатҳинигарӣ ва содалувҳӣ дар пазириши илқоъот ва таблиғоти бепоя:

Гурӯҳӣ дигар аз ҷоҳилони ба душманони Ислом, афродӣ содалувҳ, бехабар, зудбовар ва мунфаъил ҳастанд; Чароки таҳти таъсири бархӣ таблиғоти расонаи ва дурӯғҳои расмӣ, кофиронро дӯстони хайрхоҳи худ мешуморанд ва тасаввур мекунанд ки онон ҳадафе ҷуз хидмат ба мусалмонон ва кӯмак ба эҷоди сулҳ ва субот дар ҷаҳони Ислом надоранд, дар ҳоле ки ҳамин афроди содалувҳ, чунин ҳусни заннеро нисбат ба бархӣ дигар аз кишварҳои Исломӣ надоранд ва навбат ба мусалмонон ки мерасад ба ёди ҳушёрӣ, басират ва душманситезӣ меафтанд! Монанди гурӯҳе аз мусалмонон дар кишвари Афғонистон ки ба таъбири ҳазрати аллома <<Даҳҳо давлати кофир ва мутаъаддиеро дӯсти худ мешуморанд, вале ду

давлати мусалмон ва ҳамсояро душмани худ мепиндоранд!>>[1]

Ҳамчунин, метавон ҷаҳлро аз манзурӣ дигар ба ду даста тақсим кард: Ҷаҳли сода ва мураккаб.

Ҷоҳили сода касе аст ки ба ҷаҳли худ воқиф аст ва ба он эътироф мекунад, аммо ҷоҳили мураккаб касе аст ки худро олим мешуморад, лизо на танҳо эътирофе ба ҷаҳлаш надорад, балки мухотабашро ҷоҳил меингорад! Ҳар як аз аснофе ки пештар ба он ишора шуд, мумкин аст дучори ҷаҳли сода ё мураккаб бошанд, аммо барои шиносойии ҷоҳилони мураккаб метавон гуфт вежагии боризи ин афрод, таъкид ва пофишории фаровон бар рӯйи дидгоҳҳои ғалат аст ки худро ба шакли лаҷоҷат ва иънод, рафторҳои пешдастона ё тавҷиҳоти ғариб ва номаъқул нишон медиҳад. Тавзиҳ онки ҷоҳили мураккаб, ало рағми онки бутлони назараш дар мизони ақл ва шаръ ошкор аст, аммо бо такя бар фарзҳо ва зеҳниятҳои ғалат ё муқаддамоти нодуруст, ба яқин расидааст! Лизо бо эътимод ба нафсӣ козиб ва ҷазмиятӣ аҷиб аз назари ботилаш дифоъ мекунад ва ҳаргиз гумонашро намебарад ки бар хато бошад. Лизо метавон ҷоҳили мураккабро бо фардӣ масх шуда ё масхур муқойиса кард; Чароки ин тейф аз афрод, сухани саҳиҳ ва маъқулро бо вуҷуди шаффофияте ки дорад дар намеёбанд ва бо тамоми вуҷуд дар баробари он муқовимат мекунанд; Бо таваҷҷуҳ ба инки таваҳҳуми маҳақ будан тору пуди вуҷудашонро фаро гирифтааст.

2 . Тақлид

Тақлид бино бар таърифи ҳазрати аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ иборат аз <<Пайравӣ аз гуфта ё кардаи дигарӣ бидуни далил>> аст ва баста ба марҷаъе ки аз он тақлид мешавад, тавассути эшон ба 5 даста тақсим шудааст: Тақлид аз пешиниён, тақлид аз олимон, тақлид аз аксарият, тақлид аз золимон ва тақлид аз кофирон.

Аммо фориғ аз ин тақсимбандӣ, муқаллидин –аз он ҳайс ки тақлид мекунанд– вежагиҳои рафторӣ ва мухтассоти равонии мунҳасир ба худро надоранд ки метавон онро дар чанд унвон хулоса кард:

1 . Бозгашт ба Ислом, с44

А) Фикдони эътимод ба нафс ва истиқлоли назар:

Муқаллид, фоқиди эътимоди ба нафс ва истиқлоли назар ва табъан дучори инфиъол ва вобастагии фикрӣ аст. Лизо худро дар ҳадде намедонад ки бар хилофи назари пешиниён ё олимон ё аксарияти мардум ё золимон ё кофирон арзи андомӣ намояд; Чароки онҳоро бузург ва худро кӯчак ё онҳоро қавӣ ва худро заъиф мешуморад. Лизо чунин фарде, танҳо чорае худро дар ҳар амри сағир ва касире, табаъияти маҳз аз ашхос ё гурӯҳҳои мавриди назараш меёбад.

Б) Таъаллуқи хотир ва шифтагии козиб:

Бархӣ аз муқаллидин ба хотири шифтагӣ ва алоқаи муфрат ба яке аз ин манобеъи 5 гона, хоста ё нохоста муқаллиди онон мешаванд ва наметавонанд бар хилофи назари онон ба чизе мӯътақид бошанд. Монанди касоне ки ба сурати муфрат ва ғайри оддӣ ба гузаштагони хеш ё наслҳои нахустин ишқ меварзанд ва мухолифат бо мавозеъи ононро як суннатшикании нобахшуданӣ ва <<ذنب لا يُغفَر>> мепиндоранд! Ё монанди касоне ки кофиронро дӯст медоранд ва ба хотири фишори таблиғот ва илқоъоти онон, ба сӯи фарҳанги нозил ва ахлоқи бадавии онон гаройиш пайдо кардаанд ва ҳатто дар умури ҷузъӣ монанди наҳваи сухан гуфтан ё наҳваи пӯшиш ва оройиш аз онон улгубардорӣ мекунанд. Бино бар ин, нишонаи гурӯҳе аз муқаллидон, шифтагии номаъқул ва авотифи бепоя дар мавриди шахсиятҳо ё гурӯҳҳои мухталиф аст.

В) Шахсиятгароӣ ва фардмеҳварӣ:

Гурӯҳе аз муқаллидон ба шиддат дучори шахсиятгароӣ ва фардмеҳварӣ ҳастанд; Ба ин маъно ки фардеро таҳти унвони мухталиф, улгуӣ тамом ва камол ва каъбаи омоли хеш қарор медиҳанд ва ҳар ончи гуфтро чашмбаста ва кӯр кӯрона мепазиранд; На ба хотири онки суханини он фард мубтанӣ бар ақл ва шаръ аст, балки ба хотири онки аҳвоъ ва салойиқ ва писандҳои фарди муқаллидро ирзоъ мекунад ва ӯ бо тақлид аз муроди худ, эҳсоси оромиш ва ризоят менамояд. Нишонаи чунин афроде он аст ки барои тақлиди кӯр кӯрона ва таъассии ҳамаҷонибаи худ, далили мантиқӣ ва мушаххасе надоранд ва далоилашон барои ин кор сирфан завқӣ ва эҳсосӣ аст.

Г) Фирор аз таҳқиқ ва гурез аз далилгароӣ:

Хислати дигари муқаллидон он аст ки на танҳо аз даъват ба сӯи таҳқиқ ва пайравӣ аз далил истиқбол намекунанд, балки онро таҳдиде алайҳи худ ба ҳисоб меоваранд ва бо касе ки ононро ба чунин коре даъват мекунад, мухосима мекунанд. Ба унвони намуна, агар шумо аз як муқаллид дар мавриди яке аз дидгоҳҳои сахиф ва нодурусти муродаш далил биталабед, барошуфта мешавад ва аз онҷо ки далиле дар ихтиёр надорад, ба суъол кунанд ҳамла менамояд ва бо тавҷиҳоти музҳик ва ҳарбаҳои гуногун аз зери бори суъол фирор мекунад. Далили чунин вокунише он аст ки муқаллид, пушти тақлид аз риҷоли хеш пинҳон шудаанд ва ба лиҳози илмӣ ва мабноӣ аз худ чизе надоранд. Монанди сарбози заъифе ки дар ҷанг худро осебпазир меёбад, лизо тарҷиҳ медиҳад ба ҷои мубориза дар майдони набард, гӯшае пинҳон шавад!

Д) Тақлид ба нархи рӯз:

Охарин гурӯҳ аз муқаллидон касоне ҳастанд ки ба қавли маъруф нонро ба нархи рӯз мехуранд ва ибнул вақт ҳастанд; Ба ин маъно ки ҳар тараф қудрат ва нуфузи бештаре дошта бошад –агарчи муваққатан– тобеъ ва муқаллиди ҳамун мешаванд. Нишонаи ин афроди риёкор он аст ки ба маҳзи тағйири шаройит, мавзеъи худро тағйир медиҳанд ва ранг иваз мекунанд. Масалан агар золимон ҳукуматро ба даст бигиранд, инон мутиъи золимон хоҳанд шуд ва агар солеҳон ҳукуматро дар ихтёр бигиранд, низ тобеъи солеҳон хоҳанд шуд. Лизо вежагии рафторӣ ин муқаллидон музаввир ва музабзаб он аст ки доъиман муъаззаб, нигарон ва ноором ҳастанд; Чароки талош мекунанд аз иқтизоъоти рӯз ва тағйироти лаҳза ба лаҳза ақаб намонанд то битавонанд худро бо он вақф диҳанд ва дар бозии фиребкоронае ки ба роҳ андохтаанд шикаст нахуранд. Намунаи боризи чуин касоне дар торихи садри Ислом, мунофиқон ҳастанд. Инҳо ба ҳангоми ҷиҳод ки эҳтимоли ғалабаи душман матраҳ мешуд, рӯйкарди каҷдор ва маризи худро ошкор мекарданд ва ба наҳве амал менамуданд ки натиҷаи ҷанг ҳар чи шуд, газанде ба онон нарасад. Худованди мутаъол дар Қуръон ин рӯйкарди мунофиқонро ифшо намуда ва фармудааст: ﴿الَّذِينَ يَتَرَبَّصُونَ بِكُمْ فَإِنْ كَانَ لَكُمْ

﴿فَتْحٌ مِنَ اللَّهِ قَالُوا أَلَمْ نَكُنْ مَعَكُمْ وَإِنْ كَانَ لِلْكَافِرِينَ نَصِيبٌ قَالُوا أَلَمْ نَسْتَحْوِذْ عَلَيْكُمْ وَنَمْنَعْكُمْ مِنَ الْمُؤْمِنِينَ﴾[1]; <<[Мунофиқон] касоне ҳастанд ки пайваста интизор мекашанд ва шуморо зери назар доранд; Агар аз ҷониби Худованд фатҳе барои шумо рақам хӯрд, мегӯянд магар мо бо шумо набудем? Ва агар барои кофирон насибе дар ҷанг буд, ба онон [кофирон] мегӯянд, магар мо шуморо ҳамроҳӣ накардем ва дар барбари мӯъминон аз шумо муҳофизат нанамудем?>>.

3 . Аҳвоъи нафсонӣ

Аҳвоъи нафсонӣ бино бар таърифи ҳазрати аллома иборият аст аз хушояндҳо ва нохушояндҳое ки <<Лузуман бо воқеъ мутобиқ нестанд ва бар шинохти ӯ аз он, таъсир мегузоранд ... ин хушояндҳо ва нохушояндҳо ки аз авотифи одамӣ нашъат гирифтаанд ва бо ақли ӯ мутобиқат надоранд, хушбиниҳо ва бадбиниҳоеро дар зеҳни ӯ падид меоваранд ки ақли ӯро аз воқеъбинӣ боз медоранд>>.[2] Ба ин тартиб ошкор мешавад ки аҳвоъи нафсонӣ авомилӣ даруние ҳастанд ки афродро дар зиндони хеш асир менамояд ва ҳиҷоби ҳақ мешаванд. Вежагиҳои рафторӣ ва мухтассоти равонии касоне ки асири аҳвоъи нафсонӣ ҳастандро метавон дар чанд унвон хулоса намуд:

А) Хушбиниҳо ё бадбиниҳои мубтанӣ бар авотифи сатҳӣ:

Чунин афроде дар ҳисори ҳуббу буғзҳои бепоя гир афтодаанд ва ба ҳамин хотир наметавонанд қазовати мустақил, мунсифона ва воқеъбинонае дар мавриди умури мухталиф дошта бошанд. Лизо вежагии боризи инҳо, мувофиқатҳо ё мухолифатҳои эҳсосӣ ва бидуни далил ё вокунишҳои ҳаяҷонӣ ва ғайри мантиқӣ барои дифоъ аз назари худ аст. Чунин афроде хеле зуд дучори хушбинӣ ё бадбинӣ ба умури мухталиф мешаванд ва табъан ин хушбинӣ ё бадбиниҳои зудҳангом, бисёр мутазалзил аст ва дере намепояд. Ба унвони намуна, касоне ҳастанд ки бо дидани як намоҳанг таъсиргузор ё шунидани як суруди таблиғӣ марбут ба як ҷараёни хос, якбора таҳти таъсир қарор мегиранд ва ба он гаройиш пайдо мекунанд;

1 . Нисоъ/ 141
2 . Бозгашт ба Ислом, с76 ва 77

Ҳамчунонки бо шунидани як шойеъа ё сухани ғайри мустанад дар мавриди ҷараёнӣ дигар, сариъан таҳрик мешаванд ва ҳолати бадбинӣ ва эҳсоси танаффур, ононро фаро мегирад. Лизо метавон гуфт нишонаи боризи чунин касоне завқмеҳварӣ ва эътинои беш аз андоза ба иқбол ва идбори дил ва хатароти нафсонӣ аст, то ҷойе ки онро мабное барои қазоват қарор медиҳанд.

Б) Таваққуъоти номаъқул ва зеҳниятҳои хиёлпардозона:

Вежагии дигари ин афрод он аст ки ба хотири саводи андак ва ошнойии нокофӣ бо мабонӣ ва маъорифи динӣ, тасаввуроти нодуруст, зеҳниятҳои ғалат ва увҳоми мушавваше барои худ доранд ва мубтанӣ бар ҳамин тасаввурот, зеҳниятҳо ва увҳом, шартҳои аҷиб ва номаъқуле барои пазириши ҳақ ва ҳамроҳӣ бо он таъйин мекунанд; Шартҳое ки чи басо ба теъдоди афрод ва тахаюлот ва таваҳҳумоти ҳар як аз онон, мутаъаддид аст! Монанди мушрикони Макка ки таваққуъ доштанд Паёмбари Худо ғазо нахурад ё дар бозор роҳ наравад ё ба ҳамроҳи худ фариштае дошта бошад, дар ҳоле ки таваққуъи саҳиҳе набуд, ё монанди гурӯҳе аз аҳли ташаюъ дар замони мо ки дучори инҳироф дар мавриди аҳли байти Расули Худо шудаанд ва ба таъбири ҳазрати аллома <<Пешвоёни худро нимахудоёне тасаввур кардаанд ки ҳолае аз нур ба гирди сарҳои онон аст ва мурдагонро зинда мекунанд ва беморонро шифо медиҳанд ва ҳавоҷиҳро бароварда месозанд ва аз ҳар чи дар дилҳост огоҳӣ доранд ва бо ин васф … агар яке аз ононро чунонки ҳаст биёбанд, намешиносанд; Чароки ба заъми онҳо, пешвоёни аҳли байт, дар зоҳири хеш аз дигарон мутамойизанд ва илова бар ин, монанди Худованд ﴿بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ﴾ ва ﴿عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ﴾ ҳастанд>>.[1] Инҳо намунаҳое аз зеҳниятҳои нодуруст ва каҷандешии касоне аст ки дучори аҳвоҳои нафсонӣ ҳастанд.

В) Худмеҳварӣ ва нигаришҳои инсонгароёна:

Ин афрод дучори таваҳҳуми хатарноке ҳастанд ва он таваҳҳум ин аст ки ҳақ бояд мутиъи онон бошад ва бар меҳвари онон бигардад. Лизо бо ҳолатӣ ҷазмандешона ва ҳақ ба ҷониб, бардоштҳои

1 . Бозгашт ба Ислом, с109

шахсии худро милоки ҳақ медонанд ва тавре рафтор мекунанд ки гӯйи дар воқеъ, ҳақ бо меъёрҳои шахсии онон шинохта мешавад! Шояд битавон гуфт ин афрод ҳеҷ меъёри собит ва мустақилле барои шинохти ҳақ ва тамйизи мисдоқи он, дар берун аз нафси худ намешиносанд ва дар беҳтарин ҳол <<Маъёри шинохт>> ро ки амрӣ умумӣ аст, танҳо барои дигарон муфид мешуморанд! Ба ҳамин хотир дар инҳо як навъ маният ва худмеҳварӣ дида мешавад; Ҳамон инсонмеҳварон[1] ки бардошти худро меҳвар ва мадори ҳақ мешуморанд. Аммо мушкил ҷойе ҳодис мешавад ки милокҳои худсохтаи ин афрод, ғолибан милокҳойи бепоя ва номарбут аст ва ҳеҷ далолати рӯшане бар ҳақ надорад, аммо бо ин вуҷуд шадидан мавриди эътинои ин афрод қарор дорад. Монанди касоне ки интизор доранд ҳар ҳаққе дар олами рӯъё ва мукошифа ба онон нишон дода шавад ва агар чизеро дар хоб намебинанд ба он имон намеоваранд; Гӯйи Худованди мутаъол муваззаф аст фориғ аз итмоми ҳуҷҷат дар бедорӣ дар олами рӯъё низ бо онон итмоми ҳуҷҷат намояд!

Г) Инзиво, дарунгароӣ ва таваҳҳум:

Яке дигар аз алоъиме ки ба мо кӯмак мекунад бемории <<Аҳвоъи нафсони>> ро дар афрод ташхис диҳем, гаройиши ифротӣ ва ғайри оддии бархӣ аз онон ба гурез аз ҷамъ ва гунаи инзивоталабӣ аст. Албатта рӯшан аст ки ҳар инсони мунзавӣ ва дарунгаройе, лузуман даргири аҳвоъи нафсонӣ нест, лекин гурӯҳи касире аз афроде ки дучори инзивои муфрат ва беморгарона ҳастанд, мубтало ба як навъи хилоъи дарунӣ ва бӯҳрони равонӣ мешаванд ва аз онҷо ки эҳсоси пучӣ ва холӣ будан мекунанд, саъй менамоянд бо таваҳҳумот ва ангезаҳои бепоя дар бораи худ ки камтарин баҳрае аз воқеъият надорад, хешро ирзоъ намоянд ва ҳамин муҷиб мешавад оҳиста оҳиста аз воқеъиятҳои берунӣ фосила бигиранд ва увҳоми дарунии хешро ҳақиқати мутлақ бипиндоранд. Бино бар ин нишонаи чунин афроде аз як сӯ дарунгаройии бисёр ва аз сӯӣ дигар афкори мағшуш ва суханони ваҳмолуд аст. Намунаи боризи чунин афроде, пайравони ҷараёнҳои хурофӣ ҳастанд. Инҳо умуман бо ҷавомеъи илмӣ қатъи робита мекунанд ва бо тарк гуфтани ақлоният ва воқеъгаройи,

1 . Умонистҳо

дар як инзивои шадид фуру мераванд ва ин инзивои шум барои онон таваҳҳумоте ба бор меоварад ва то ҷойе пеш мераванд ки хурофитарин ва зидди ақлитарин масоъилро иддаъо мекунанд ё мепазиранд.

Д) Тавҷиҳи каҷравиҳо ва инҳирофоти ошкор:

Гурӯҳе аз касоне ки дучори аҳвоъи нафсонӣ ҳастанд, бузаргтарин каҷравиҳо ва ошкортарин инҳирофотро тавҷиҳ мекунанд. Ин афрод аз онҷо ки барои ташхиси ҳақ аз ботил ва тамйизи дуруст аз ғалат меъёрҳои худсохта ва бепояе доранд, ончи дар назари огоҳон ва хирадмандон як гуноҳи бузург ё инҳирофӣ хатарнок шумурда мешавад, дар назари инон як кори мубоҳ ё масъалаи қобили иғмоз маҳсуб мешавад! Монанди гурӯҳе аз аҳли ташаюъ ки бовар ёфтаанд агар дар азои аҳли байти Паёмбар қатраи ашке бирезанд, дигар аҳмияте надорад ки дар аъмоли худ, муртакиби чи рафторҳои зишт ё гуноҳони бузурге мешаванд; Чароки ба заъми онон ҳамин қатраи ашк, ало рағми ҳамаи гуноҳони кабира ё фориғ аз ҳамаи инҳирофоти эътиқодӣ, ононро ба биҳишт хоҳад бурд! Ё монанди касоне ки мӯътақиданд ончи муҳим аст <<Дили пок>> аст! Бино бар ин агар инсон чашмаш ё забонаш нопок бошад, ё бо дасту пояш муртакиби гуноҳ шавад, аслан муҳим нест; Ончи муҳим аст дили инсон аст ки бояд пок бошад! Мутаъассифона имрӯз мо дар атрофи худ чунин ҳарфҳои ҷоҳилонаеро зиёд мешунавем. Инҳо ҳамон мурҷиъиҳои модерн ҳастанд ки дар аҳвоъи нафсонии хеш фуру рафтаанд.

4 . Дунёгароӣ

Ба фармудаи ҳазрати аллома, <<Манзур аз дунёрагоӣ, авлавият додан ба чизҳое аст ки одаме ба иқтизои ғарази худ, барои зиндагии дунё, қатъи назар аз зиндагии охират, ба онҳо ниёзманд аст ва фиқдони онҳо, лузуман ба зиндагии охират зиён намерасонад; Монанди чизҳойе ки Худованд дар китоби худ ном бурда ва фармудааст: ﴿زُيِّنَ لِلنَّاسِ حُبُّ الشَّهَوَاتِ مِنَ النِّسَاءِ وَالْبَنِينَ وَالْقَنَاطِيرِ الْمُقَنطَرَةِ مِنَ الذَّهَبِ وَالْفِضَّةِ وَالْخَيْلِ الْمُسَوَّمَةِ وَالْأَنْعَامِ وَالْحَرْثِ ۗ ذَٰلِكَ مَتَاعُ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا﴾;[1] <<Дӯстии дилбастагиҳо аз занон ва писарон ва сарватҳои анбошта аз тилло ва нуқра ва асбҳои қиматӣ ва

1 . Оли Имрон/ 14

чаҳорпоён ва кишт, барои мардум ороста шудааст; Ин бархурдории зиндагии дунёст>>!>>[1] Эшон дар идома меафзояд ки дӯст доштани чизҳое ки барои зиндагии дунё зарурат дорад, ишколе надорад, аммо дӯст доштани онҳо беш аз чизҳое ки барои зиндагии охират дорад, мисдоқи дунёгароӣ аст ва яке аз мавонеъи шинохт шумурда мешавад. Аммо вежагиҳои рафторӣ ва мухтассоти равонии касоне ки дучори дунёгароӣ ҳастандро метавон дар чанд унвон хулоса намуд:

А) Машғулияти фаровон ба умури дунё ва адами тамаркуз бар рӯй ҳақ:

Дунёгароён ҳамвора даргири иртиқоъ ва пешбурди умури дунявии худ ҳастанд ва ба нудрат замонӣ кофӣ барои баррасӣ, иҷобат ва ҳамроҳии ҳақ пайдо мекунанд, лизо ончи ҳамвора аз он меноланд ва ба унвони тавҷиҳе барои адами иҷобати ҳақ зикр мекунанд, камбуди вақт ва гирифторӣ ба машоғули мухталиф аст. Бархӣ аз дунёгароён чи басо дар мақоми назар, ҳаққро мепазиранд ва ба сурати ҷаставу гурехта суроғи аҳлашро мегиранд, аммо дар мақоми амал ва дар маҷмӯъ хайре ба ҳақ намерасонанд; Ба ҳамин хотир буданашон бо набуданашон баробар аст. Ин афрод аз лиҳози рафторӣ маъмулан саросима ва ноором ҳастанд ва камтар дар ҳоли фароғат ва оромиш дида мешаванд.

Б) Таъаллқуи хотир ва вобастагии муфрат ба доштаҳои дунявӣ:

Вежагии дигари дунёгароён ки миёни ағлаби онон муштарак аст, вобастагии ифротӣ ба чизҳое аст ки Худованд дар зиндагии дунё аз рӯй ибтилоъ ва озмойиш ба онҳо бахшидааст; Ҳамчунонки худаш мефармояд: ﴿الْمَالُ وَالْبَنُونَ زِينَةُ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا ۖ وَالْبَاقِيَاتُ الصَّالِحَاتُ خَيْرٌ عِنْدَ رَبِّكَ ثَوَابًا وَخَيْرٌ أَمَلًا﴾ [2] Монанди онки бархӣ аз дунёгароён нисбат ба амвол ва дороиҳои худ алоқа ва дилбастагии муфрате доранд ва бо бухлу тангназарии фаровон, аз нигаронии мустамар дар мавриди эҳтимоли нақзи амволи худ ранҷ мебаранд. Аз ҳамин рӯ, баъзан эҳсос мекунанд

1 . Бозгашт ба Ислом, с84
2 . Каҳф/ 46

ҳамагӣ барои тасоҳуби амволи онҳо нақша мекашанд. Ҳамчунин бархӣ аз дунёгароён, дучори вобастагии шадид ба аъзои хонавода ва хешовандони наздики худ ҳастанд; То ҷойе ки ҳатто ҳозиранд ба хотири онҳо вазифаи шаръии худро тарк кунанд ё муртакиби кори нодуруст ва номашрӯъе шаванд. Монанди касоне дар замони Расули Акрам ба баҳонаи хона ва хонаводаи худ, аз ҷиҳод дар роҳи Худо шона холи карданд. Ҳамчунин лозим ба зикр аст ки ҳазрати аллома маншаъи ин музоҳири дунёгаройиро адами имон ба зиндагии охират мешуморад.

Г) Вобастагӣ ба маносиб ва машоғули муҳимми дунявӣ ки муваллиди қудрат, сарват ва шӯҳрат аст:

Ба ҷуръат метавон гуфт аксаряти мутлақи касоне ки имрӯз маносиби муҳим ва радаи болои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳатто ҳунарӣ қарор доранд, дучори рӯзмарагии шадид ва ғарқ дар ғафлат ва дунёгароӣ ҳастанд; Чароки сиёсат, иқтисод, фарҳанг ва ҳунар дар ҷомеъаи кунунӣ, дучори мафосид ва инҳирифоти фаровоне шудааст ва табъан қудрат, сарват ё шӯҳрате ки аз тариқи ин маҷмӯъаҳои олуда ва носолими ойиди масъулон ва даст андаркорони аршад мешавад, на танҳо наметавонад сирфи ислоҳи ахлоқ ва таъолии маънавӣ гардад, балки дар як чархаи фосид, муҷиби инҳирофоти ахлоқӣ ва бӯҳрони маънавият мешавад. Лизо иддаъои газзофе нест агар бигӯйем ки қудратгароён, сарватмандон ва шӯҳратталабон аз масодиқи боризи дунёгароён дар ҷомеъаи кунунии мо ҳастанд.

Д) Тарс, муҳофизакорӣ, роҳатталабӣ ва масъулиятгурезӣ:

Дунёгароён ҳатто агар ҳаққеро ба лиҳози назарӣ бипазиранд, дӯст намедоранд ки ба лузумаш пойбанд бошанд. Онҳо дӯст медоранд ҳаргиз дучори заҳмат ва мушкиле дар масири табаъият аз ҳақ нашаванд ва ҳар мушкиле ки ҳаст барои сойирин бошад ва домони ононро нагирад! Лизо яке аз вежагиҳои рафторӣ дунёгароён, муҳофизакорӣ ва эҳтиёти беш аз ҳад дар масири пазириш ва табаъият аз ҳақ аст. Онон метарсанд ки бо табаъият аз ҳақ ва ҳамроҳӣ бо он шаройити мусоъиди худ дар зиндагӣ дорандро аз даст бидиҳанд ва аз осойиш ва оромиш ва имконоте ки доранд, маҳрум шаванд.

Лизо ба вуфур дида мешавад ки ин афрод масъулияти чандоне ба дӯш намегиранд ва аз иқдомоти зарурӣ ва мутаъораф дар ростои интишор ва иблоғи ҳақ меҳаросанд. Ба ҳамин хотир, доъиман барои анҷом надоданаш монеътарошӣ мекунанд ва баҳона меоваранд. Монанди касоне дар замони Расули Акрам ки чунин рӯҳияе доштанд ва аз фарти дунёгароӣ ва роҳатталабӣ, мусалмононро аз рафтан ба ҷиҳод дар гармои сӯзон боз медоштанд ё аз шикаст дар ҷанг инзор медоданд.

5 . Таъассуб

Таъассуб бино бар таърифи ҳазрати аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллол таъолло <<Навъӣ вобастагии қавмӣ, мазҳабӣ ё сиёсӣ аст ки мабнои ақлӣ надорад ва монеъ аз инсоф дар шинохт воқеъ аст; Ба ин тартиб ки мутаъассиб, қавм ё мазҳаб ё гурӯҳи худро қатъи назар аз хуб ё бад будани он, ба наҳве дӯст медорад ки қодир ба шинохти хуб ё бад будани он бар мабнои ақл нест.>>[1] Мутаъассифона ин монеъи шинохт, аз мавонеъи бисёр ройиҷ ва шойеъ аст ва мо шоҳиди таъассуботи қавмӣ, миллӣ, мазҳабӣ ва ҷаноҳии фаровоне дар миёни ҷавомеъи Исломӣ ҳастем ва ҳамин монеъи бузург аст ки ононро аз шинохт ва пазириши ҳақ боз дошта ва аз Исломи ростин дур сохтааст. Лизо шинохти масодиқ мутаъассифона ба унвони муқаддамае барои дармон ва ислоҳи онон, аз аҳмияти вежае бархурдор аст. Вежагиҳои рафторӣ ва мухтассоти равонӣ ки дучори таъассуб ҳастандро метавон дар чанд унвон хулоса намуд:

А) Таъаллуқи хотири ифротӣ ва ноогоҳона нисбат ба қавм, мазҳаб ё гурӯҳи худ:

Бисёрӣ аз мутаъассибон, нисбат ба чизе таъассуб доранд ки онро ба дурустӣ намешиносанд ва дар маврди он таҳқиқ ва мутолиъаи кофӣ накардаанд ва чи басо тавони гуфтугӯӣ илмӣ ва баҳси мантиқӣ дар мавриди онро ҳам надоранд. Ба баёни дигар, фарди мутаъассиб барои вобастагии шадиди худ ба миллат ё мазҳаб ё гурӯҳӣ хос, мабнойе ҷуз эҳсосоти шахсӣ ва гаройишҳои ҷоҳилӣ надорад.

1 . Бозгашт ба Ислом, с89

Агарчи гурӯҳе аз онон ҳастанд ки дучори таваҳҳуми огоҳианд ва худро барои дифоъ аз ороъи хеш тавонманд мешуморанд, аммо пур возеҳ аст ки огоҳӣ бо таъассуб якҷо ҷамъ намешавад ва инсони огоҳ ҳаргиз аҳли таъассуб нест.

Б) Ҷонибдории ҷоҳилона ва беинсофӣ дар нақди сойирин:

Чанд рӯйкарде дар мутаъассибон муҷиби ҳимоятҳои кӯр кӯрона ва ба таъбири Қуръони карим <<Ҳаммияти ҷоҳилона>> мешавад; Ба ин маъно ки мутаъассибон танҳо вазифаи худро ҷонибдорӣ аз ҳизби худ ба ҳар наҳви мумкин мешуморанд, лизо мебинем ки барои исботи ҳаққонияти он ба ҳар рутбу ёвае метавассил мешаванд ва бо тақаллои тамом, ҳар сухани сахиф ва бесару охиреро дастмояи тавҷиҳоти худ қарор медиҳанд! Монанди яҳудиён ки аз фарти таъассуб нисбат ба қавми яҳуд, мӯътақид буданд ки Худованд ҷуз айёмӣ маъдуд, ононро азоб нахоҳад кард.[1] Ҳамчунин эҳтимоми мутаъассибон, бар тахриби ғайри мунсифонаи мухолифон аст; То ҷойе ки барои ин кор аз ҳеҷ тӯҳмат, дурӯғ ва зулме дариғ намекунанд ва ҷониби инсоф ва ахлоқро риъоят наменамоянд. Ҳамчунонки мушрикони Макка аз фарти таъассуб ба дашном ва ифтиро ба Расули Худо рӯй оварданд ва он Ҳазратро соҳир ва маҷнун хитоб намуданд; Чароки тавони нақди мантиқии Қуръони карим ва омӯзаҳои матини Расулуллоҳро надоштанд.

В) Воқеъиятгароӣ, интиқод нопазирӣ ва вокунишҳои эҳсосӣ дар мувоҷеҳ бо мантиқдон:

Вежагии боризи мутаъассибон интиқод нопазирӣ, адами инъитоф ва хасмона пиндоштани тазаккуроти хайрхоҳона аст. Лизо мутаъассибон ғолибан камзарфият, ҳаяҷонзада ва асабӣ ҳастанд ва дар мувоҷаҳ бо кӯчактарин интиқод ё изҳори назари мухолифе барошуфта мешаванд ва монанди касе ки ҳайсияти худро дар маърази нобудӣ мебинад, дар садади ҳамла ба мухотаб ё хомӯш кардани ӯ бар меоянд. Ҳазарти аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ бо ибрози таъассуф аз ин мавзӯъ, бисёрӣ аз мусалмонони имрӯзро дучори чунин вазъияти буғранҷе мешуморад ва мефармояд:

1 . Нигоҳ кунед ба: Оли Имрон/ 24

<<Ба назар мерасад ки таъассуб, таркибе аз ҷаҳл ва аҳвоъи нафсонӣ аст; Чароки мутаъассиб аз як сӯ, ба қавм ё мазҳаб ё гурӯҳи худ ҷоҳил аст, ба ин маъно ки бадиҳои онро намешиносад ва аз сӯӣ дигар, ба он таъаллуқи хотир дорад, то ҳадде ки мойил ба шинохти бадиҳои он нест, балки бо ҷазмиятӣ бепоя, бадиҳои онро муҳтамал намедонад. Аз ин рӯ, ҳангоме ки бадиҳои он ба ӯ шиносонида мешавад, озурда мегардад ва вокунишӣ эҳсосӣ нишон медиҳад. Шакке нест ки ин ҳолат, монеъ аз шинохти ҳақ аст, вале бо ин васф, дар миёни мусалмонон, ройиҷ ва машҳуд аст; Чароки бисёрӣ аз онон, ба далили ноошноӣ бо заъфҳои ақойиди худ ва дилбастагӣ ба онҳо, омодаи бознигарӣ дар онҳо бар мабнои ақл нестанд ва ҳар гуна бознигарӣ дар онҳо ҳар чанд ки бар мабнои ақлро хасмона ва бо сӯъи ният мепиндоранд ва ба ҳамин сабаб, бар наметобанд ва пешопеш, мардуд мешуморанд ... Аз инҷо дониста мешавад, касоне ки бо фарёд задан ва мушт кӯбидан, дар паӣ дифоъ аз ақойиди худанд, дар воқеъ аз ақойиди худ дифоъ намекунанд; Зеро фарёд задан ва мушт кӯбидан, ақойиде ки бар мабнои ақл, ботил шинохта шудаандро ҳақ намекунанд, балки чи басо бутлони онҳоро ошкортар месозад; Бо таваҷҷуҳ ба инки фарёд задан ва мушт кӯбидан, ғолибан ҳангоме буруз мекунанд ки ҳуҷҷате барои иброз боқӣ намондааст ...>>[1]

Таҳлили илмӣ аз ин мавзӯъ ба мо мегӯяд ки мутаъассибон зеҳнҳои хушк ва бастае доранд ва ба таъбири равоншиносон дар фароянди ҷазб ё дарунсозии додаҳое ки аз берун ба онон мерасад, дучори ихтилол ҳастанд.[2] Тавзиҳ онки афроди мутаъассиб таъкид ва пофишории зиёде бар рӯӣ маълумотӣ доранд ки аз қабл ба он бовар ёфтаанд ва ба хотири тарс аз тағйир ва бар ҳам задани таркиби ин маълумоти дарунӣ, ҳозир ба дохил кардани додаҳои дигаре мухолиф бо додаҳои қаблӣ дар вуҷуди худ нестанд.<Аз диди равоншиносон камолгаро, ҳамчунин Роҷирз, фармуд коромад ва мутаъодил, касе

1 . Бозгашт ба Ислом, с90 ва 91

2 . Маҳфуми ҷазб (дарунсозӣ) дар муқобили мафҳуми интибоқ (берунсозӣ) ду мафҳуми поя дар назарияи рушд шинохтӣ Жон Пиёжа равоншинос шаҳири Суисӣ ҳастанд.

аст ки омодаи таҷриба кардан аст ва <<Ҳолати дифоъӣ>> надорад; Аммо чаро афроди мутаъассиб то ин андоза, ҳолати дифоъӣ ба худ мегиранд? Беҳтарин посух, <<Тарс>> аст. Афроди мутаъассиб метарсанд ки бо пазириши тағйири нуфуз иттилоъот ва огоҳиҳои ҷадид, худ ва мавҷудияташон дар маърази хатар қарор гирад, кантроли авзоъ ва шароитро аз даст диҳанд ва дигар натавонанд бар авзоъи ҷадид мусаллат гарданд.>[1]

6 . Такаббур:

Такаббур ба фармудаи аллома <<Худбузург пиндорӣ аст ки дар бениёз пиндоштани худ аз шинохти ҳақ намуд меёбад ва ба саркашӣ аз қабули он меанҷомад>>.[2] Ин маънои шинохт ки иртиботи наздике бо ҷаҳли мураккаб дорад ва дар воқеъ аз ҳамон ношӣ шудааст, яке аз мавонеъи бӯҳрон офарин ва осебзост ки домангири бисёрӣ аз мусалмонон хусусан нухбагон, андешмандон, соҳибназарон ва аҳли фазл аз як сӯ ва аҳолии қудрат ва сарват ва шӯҳрат аз сӯй дигар шудааст. Вежагиҳои рафторӣ ва мухтассоти равонӣ ки дучори такаббур ҳастандро метавон дар чанд унвон хулоса намуд:

А) Таваҳҳуми хатарноки худбузур бинӣ:

Худованд дар Қуръон карим дар васфи мутакаббирон мефармояд: ﴿إِنْ فِي صُدُورِهِمْ إِلَّا كِبْرٌ مَا هُمْ بِبَالِغِيهِ ۚ فَاسْتَعِذْ بِاللَّهِ ۖ إِنَّهُ هُوَ السَّمِيعُ الْبَصِيرُ﴾ [3] <<Дар синаҳояшон ҷуз кибре ки ба он намерасанд нест! Пас ба Худо паноҳ бибар; Чи онки Ӯ шунавои биност>>. Мутакаббирон ҳамон тавр ки аз номи онҳо пайдост дучори <<Кибр>> ё <<Худбузур бинӣ>> ҳастанд; Ба ин маъно ки дар худ, бузургӣ ва фазилатӣ воқеъӣ ё мавҳум меёбанд ки ба он фирефта шудаанд. Чунин афроде ҳамвора аз сойирин таваққуъи таъйид, тамҷид ва табаъият доранд ва танҳо касонеро даври худ ҷамъ мекунанд ки чунин рӯйкарде дар онон мавҷуд бошад. Аз ҳамин рӯст ки фарди мутакаббир тазаккур ва насиҳати касе ба худашро бар наметобад ва дар муқобили камтарин <<Инқулт>> ё муноқишае аз сӯй мухотаб, вокуниши манфӣ нишон медиҳанд ва

1 . Маҷалаи ҳадиси зиндагӣ, хурдод ва тир 1384, шумора 23, мақолаи таъассуб (Баррасии равоншиносии як рафтор)
2 . Бозгашт ба Ислом, с93
3 . Ғофир/ 56

ҳозир ба пазириш ва тавозуъ намешаванд; Агарчи ба иштибоҳи худ пай бурда бошад. Аз мазоҳири дигар ин таваҳҳуми шум, худситойи, худмеҳварӣ, худбартар бинӣ ва ҳатто дар мароҳили пешрафтаи он, бархӣ ихтилолоти равонӣ –шахсиятӣ ҳод монанди худшифтагӣ[1] аст ки дар он фард, худро аз ҳар ҷиҳат, вежа мепиндорад ва дунёеро барои худ месозад ки худаш, дар маркази он қарор дорад.[2] Инро низ бояд афзуд ки фарди мутакаббир, агарчи муқассири аслӣ дар эҷоди чунин таваҳҳумоте дар нафси хеш аст, аммо мутаъассифона воқеъият он аст ки шаклгирии бахши қобили таваҷҷуҳе аз ин таваҳҳумот дар афрод, ношӣ аз кӯтоҳӣ ва сукути атрофиён, маддоҳиҳо ва таъйидоти ҷоҳилонаи онон ва тарки тавосӣ ва насиҳат аст.

Б) Ғарра шудан ба огоҳиҳо, дороиҳо, тавоноиҳо ё мавқеъиятҳое ки дигарон надоранд:

Мутаъассифона мутакаббирон ба хотири шароити матлуб ё имкононти боло ё мавқеъияти хубе ки доранд, дучори ғурур мешаванд ва ба қавли маъруф худро гум мекунанд. Ин афрод ба хотири кӯтоҳӣ дар тазкияи нафс ва адами муроқибат аз саломати маънавии худ, ба мубоҳот ва фахрфурӯшӣ ба сойирин олуда мешаванд. Рӯшан аст ки барои ҳар фарди мутакаббире, заминаи мутафовите барои ин такаббур ва тафохур вуҷуд дорад; Чунонки ба фармудаи ҳазрати аллома, бархӣ монанди шайтон ба нажоди худ, бархӣ монанди Фиръавн ба ҳукумати худ, бархӣ монанди Қорун ба сарвати худ ва бархӣ монанди ҳокимони Сабаъ ба неруӣ низомии худ мағруранд.[3]

В) Таҳрифи ҳақойиқ ба нафъи худ ба манзури ҷалби таваҷҷуҳ ва тамаллуқи дигарон:

Яке аз рафторҳои аҷиби гурӯҳе аз мутакаббирон он аст ки дӯст медоранд ба хотири коре ки накардаанд ё ба вежагии мусбате ки надоранд, ситойиш шаванд. Қуръони карим дар бораи ҳамин афрод

1 . Норсисим
2 . Нигоҳ кунед ба: Фронсис, Олан. Мабноӣ ташхиси равонпизишкӣ бар асосои DSM-5. Тарҷумаи Абдулризо Мансурии Род
3 . Нигоҳ кунед ба, Бозгашт ба Ислом, с93 ва 94

фармудааст: ﴿وَيُحِبُّونَ أَنْ يُحْمَدُوا بِمَا لَمْ يَفْعَلُوا﴾ [1] <<Ва дӯст медоранд ки ба хотири ончи накардаанд ситойиш шаванд>>; Лизо гоҳе дида мешавад ки ин афрод бо дасткории воқеъиятҳо ва таҳрифи ошкори ҳақоиқ, саъй дар барҷастасозӣ ва бузургнамойии нақши худ дар рӯйдодҳо доранд ва дар ин росто гоҳе бо дурӯғпардозӣ ва газзофагӯйи, иқдом ба таҳриб ва татҳири чеҳраи хеш мекунанд ё ҳатто бо мусодира ба матолиб ва иддаъоӣ беасос, натиҷаи заҳамоти илмии онон ки ба рӯшан шудани мавзӯъӣ мубҳам анҷомидаастро барои худ аз пеш маълум мешуморанд ё бадтар аз он бо хиёнат дар амонат ва анвоъи тадлис, фазоъил ё хадамоти ононро ба номи худ тамом мекунанд! Чунин афроде ба вузуҳ дучори уқдаи худ камбинӣ ва беморӣ такаббур ҳастанд ва ҳамаи ин мазоҳири ноҳанҷор, алоъими рӯшане бар бемории онон аст.

Д) Истифодаи абзорӣ аз бархӣ фазоъили ахлоқӣ монанди тавозуъ ва фурутанӣ:

Гурӯҳе аз мутакаббирон, ба сурати тадриҷӣ афродеро ба гирди худ ҷамъ мекунанд ва бо равишӣ печида, гом ба гом мухотабини хешро фиреб медиҳанд. Тавзиҳ онки гоҳе фарди мутакаббир барои ҷазби мухотаби содаандеш аз ҳарбаи тавозуъ ва афтодагӣ истифода мекунанд; Ба ин маъно ки ба сурати ғайри мустақим ва бо баҳрагирӣ аз анвоъи маҳоратҳо монанди забон бадан ё истифода аз ақсоми киноёт ва ишорот, амалан инро ба мухотаб илқо мекунад ки фардӣ соҳиби мақомот ва дорои фазоъили вежа аст. Аммо вақте навбат ба гуфтугӯӣ мустақим мерасад, якбора тавозуъ мекунад ва худро камтарини ҷамъ ва хоки пойи ҳама муъаррифӣ менамоянд! Рӯшан аст ки чунин тавозуъи музаввиронае барои бисёрӣ аз мардум фиребанда аст ва муҷиби ҷазб ва алоқамандии онон мешавад. Албатта тардиде нест ки ин найранг ва зоҳирсозии мутакаббирон, барои хирадмандон амри пӯшидае нест ва ин таноқузи ошкор монанди қавл ва феъли мутакаббирон, барои ҳушёрон ва афроди соҳиби фаросат хеле зуд ошкор мешавад. Лизо метавон гуфт яке аз нишонаҳои мутакаббирон, тазоҳур ба тавозуъ ва истифодаи абзорӣ аз он аст.

1 . Оли Имрон/ 188

Е) Ғафлат аз заъфҳои худ ва пардохтан ба заъфҳои дигарон:

Мутакаббар, аз онҷо ки худро бузург ва дигаронро кӯчак меингорад, заъфҳои сойирин дар назараш бузург ва заъфҳои худ, дар назарашон кӯчак ҷилва мекунад. Лизо бисёр пеш меояд ки мутакаббирин, айберо дар мухотаб мечӯяд ки дар худаш ба наҳвӣ ошкортар вуҷуд дорад; Чароки мутакаббир ба қавли маъруф <<Аз худ розӣ>> аст; Ба ин маъно ки ба нуқоти заъфи худ таваҷҷуҳе надорад ва ё асосан мункири он аст. Ҳазрати аллома дар бораи ин сифати мутакаббирон мефармояд: <<[Инон] ба сабаби такаббури худ, аз шинохти ҳақ боз мемонанд; Чароки ба сабаби бархурдории худ аз як қувват, нобархурдории худ аз қувватҳои дигариро нодида мегиранд ва ба сабаби шифтагӣ ба як дошта, аз надоштаҳои худ чашм мепӯшанд; Вагрна рӯшан аст ки ҳеҷ кас ҷуз Худованд комил нест ва ҳар касро қуввате ҳаст, заъфе низ ҳаст ва агар аз заъфе барканор аст, ба заъфӣ дигар дучор аст ва оқил касе аст ки аз заъфҳо ва қувватҳои худ огоҳӣ дорад.>>[1]

7 . Хурофагароӣ

Бино ба фармудаи ҳазрати аллома <<Манзур аз хурофа, ингораи мухолиф бо одат аст ки бунёде бар ақл ва шаръ надорад ва рӯшан аст ки андешидан бар пояи он, аз шинохти ҳақ боз медорад; Зеро хурофа, бо онки бебунёдитарин ингора аст, гоҳе ривоҷ ва русухӣ беш аз боварҳои ақлӣ ва шаръӣ дорад ва боварҳои ақлӣ ва шаръиро олуда ва суст месозад.>>[2] Ҳамчуин эшон тазаккур медиҳад ки ин хурофагароӣ ихтисосе ба як мазҳаб ё гурӯҳ аз мусалмонон надорад, балки мутаъассифона <<Ҳамаи мазоҳиби Исломӣ кам ё беш ба хурофот олуда шудаанд ва бо рӯй овардан ба хаёлбофӣ ва рӯъёпардозӣ дар боварҳои динӣ, аз ақлоният ва воқеъиятгаройии Исломӣ фосила гирифтаанд.>>[3] Ва ин фоҷеъаи бузурге аст ки мусалмонон, ҳақойиқи асли ва ноби Исломиро раҳо карда ва дучори хурофа ва гаройишҳои омиёна шудаанд. Вежагиҳои рафторӣ ва мухтассоти равонии касоне ки дучори хурофагароӣ ҳастандро метавон дар чанд унвон хулоса намуд:

1 . Бозгашт ба Ислом, с95
2 . Ҳамон, с101
3 . Ҳамон

А) Ақлгурезӣ ва истеҳзоъ ё истихфофи ақлоният:

Хурофа, ҳамвора дар ғайбати ақл эҷод мешавад ва парвариш меёбад. Лизо ҳар ҷо ки ақл таътил шавад ё ба ҳар далил мавриди беъэтиноӣ қарор гирад, бетардид хурофот роҳ пайдо хоҳад кард. Аз ҳамин рӯст ки бино бар тақрири комил ва олимонаи ҳазрати аллома, гаройишҳои хурофӣ ва ингораҳои беасос дар миёни сӯфиён ва аҳли ҳадиси мусалмон роҳ пайдо кардааст; Чи онки онон эътинои чандоне ба ақл надоранд ва онро омили гумроҳӣ (!) мешуморанд. Аз ҳамин рӯ, метавон гуфт аз вежагиҳои боризи хурофагароён, беъэтинойии онон ба ақл ва нафрату адоваташон нисбат ба гузораҳои маъқул ва истидлолҳои ақлӣ аст. Ҳамчунонки сӯфиён аз истедлоли ақлӣ безоранд ва пойи аҳли онро чӯбин мешуморанд ё салафиён корбурди ақл дар фаҳми шариъатро мусиррона <<Бидъат>> мешуморанд ва мардумро аз ақлоният барҳазар медоранд. Ҳамчунонки ҳар гоҳ касе барои исботи назари худ ба ақл истинод мекунад, барошуфта мешаванд ва бо рӯйкардӣ таҳқиромез ӯро дар гумроҳии ошкор мешуморанд.

Б) Иттикоъ бар мавҳумот ва занниёт:

Аформе ки дучори хурофагароӣ ҳастанд, барои ақойиди шоз ва аъмоли номутаъораф ва аҷиби худ мустанаде ҷуз умури воҳӣ, хиёлӣ ва бепоя надоранд; Чунонки гурӯҳе аз онҳо асири аҳлом ва рӯъёҳое ҳастанд ки мебинанд ва гоҳе номи онро рӯъёи содиқа ва гоҳе ҳам номашро кашф ва шуҳуд мегузоранд ва бидуни онки баййинаи шаръӣ дар ихтиёр дошта бошанд, бар асоси хобҳои худ амал мекунанд ё ба чизе мӯътақид мешаванд. Гурӯҳе аз онҳо ҳастанд ки ба суханони мубҳам, мутаноқиз ва бесару тани даҷҷолони дурӯғпардоз фирефта мешаванд ва ҳар сухане ки мармузтар ва номафҳумтар бошадро бештар дӯст медоранд. Бино бар ин яке аз вежагиҳои боризи афроди хурофотӣ, иттикоъ бар увҳом ва зунун аст.

В) Ахборигарӣ муфрат ва ҷумуд бар нусуси ривойи:

Вежагии дигари хурофагароён пофишорӣ ва ҷумуди бисёр бар рӯйи бархӣ ривоёти заъиф ва ҳатто сохтагӣ, фориғ аз баррасии санад ва матни он аст; Ривоёте ки аз як сӯ, умуман ё фоқиди санад

аст ва ё дар санадаш иродоти ҷиддӣ вуҷуд дорад ва аз сӯй дигар мухолиф бо Қуръони карим ва ақли салим аст ва дар миёни соири ривоёти мӯътабар низ, шоҳид ва мутобеъӣ надорад. Лизо мебинем ки гурӯҳе аз хурофагароён бо истинод ба як ривояти шоз ва беасос ки дар манобеъи ривойии мутаъаххир нақл шудааст, диндорӣ мекунанд. Ҳамчунонки аҳли ҳадиси мусалмон бо истинод ба бархӣ ривоёти ҷаълӣ ки дар манобеъашон мавҷуд аст, эътиқод ёфтаанд ки Худованди мутаъолро дар рӯзи қиёмат метавон бо чашми сар дид, ё эътиқод ёфтаанд ки Худованд низ аъзо ва ҷавореҳи ҳақиқӣ дорад. Аз онҷо ки мутаъассифона дар манобеъи ривойии мусалмонон ривояти ҷаълии фаровоне роҳ ёфтааст, лизо бисёрӣ аз мусалмонон дучори намунаҳои фаровоне аз ин даст хурофот шудаанд.

Г) Илмгурезӣ ва фирор аз далил:

Афроди хурофӣ маъмулан аҳли таълим ва тафаққуҳ дар дин нестанд ва аз саводу маълумоти кофӣ дар ҳавзаи улуми пояи Исломӣ бебаҳраанд, лизо дар заминаи маъорифи динӣ дучори нигоҳӣ авомона ва ғайри илмӣ ҳастанд ва барои исботи дидгоҳи худ, дучори бӯҳрони фиқдони далиланд. Аз ҳамин рӯ дар мақоми изҳори назар, гоҳе худро бениёз аз далил мешуморанд ё барои зикри далил ба умуре ташаббус мекунанд ки ҳаргиз дар назари оқилон, далил шумурда намешавад, балки ба ҳазён шабеҳтар аст. Монанди бархӣ аз муддаъиёни дурӯғин арсаи Маҳдавият ки мусиррона ва бо ҳолатӣ таҳаккумомез ва аҳмақона мӯтақиданд ки ниёзе ба ироъаи далил надоранд ва маҳзи иддаъои онон барои исботи иддаъояшон кофӣ аст!

Д) Қиссасаройи ва достонпардозӣ:

Гурӯҳе аз хурофагароён бо гаройиши шадид ба достонҳои мавҳум ва беасос ва нақли ҳикоятҳои аҷиб ва номаъқул шинохта мешаванд. Тавзиҳи бештар онки ин афрод аз сари содалувҳӣ ва зудбовар будан, ба роҳатӣ шойеъот ва достонҳое ки бар сари кӯчаву бозор нақл мешавадро мепазиранд ва бидуни мутобиқат додани он бо шаръ ё таҳлили ақлӣ ва мантиқии масъала, дарбаст онро мепазиранд ва балки ба тарвиҷ ва нақли он мепардозанд. Дар ҳоле ки агар аз онҳо

санади ин достон ва мадраки мӯътабарашро бипурсед, наметавонанд посухи саҳиҳе бидиҳанд ва танҳо ба шойеъоти кӯчаву бозор ва ончи аз даҳони мардум шунидаанд истинод мекунанд.

Дар поёни ин навиштор, лозим ба зикр аст ки ановини мухталифе ки ба манзури мисдоқшиносии мавонеъи шинохт тавзиҳ дода шуд, намунаҳои барҷаста ва нозир ба ғолиби маворид аст, лизо нигоранда муддаъии эҳсоъи ҳамаи хислатҳо ва рафторҳои ин афрод нест, балки мумкин аст хусусиёт ва вежагиҳои дигаре ҳам дар касоне ки мубтало ба мавонеъи шинохт ҳастанд вуҷуд дошта бошад ки дар ин мақолаи мухтасар матраҳ нашудааст. Аммо дар ҳар сурат саъйи мо он буд ки улгуйи қобили таъаммул ва корбурдӣ барои тамйизи мавонеъи шинох ва ташхиси масодиқи он ироъа намойем то битавонад мавриди истифодаи мубаллиғони Исломи холис ва комил ва доъиёни ба сӯӣ халифаи Худованд дар замин қарор гирад.

Аз Худованди мутаъол мехоҳем ба фазлу карамаш ҳамаи моро аз мавонеъи ҳафтгонаи шинохт пиросат намояд ва тавфиқ диҳад ки ҳар чи зудтар бо таҳзиби нафси худ ва дигарон, муқаддамоти фарачи уммати Расулуллоҳро фароҳам намойем ва омодагии лозим барои <<Бозгашт ба Ислом>> ва гирдиҳамойи зери парчами халифаи Худовандро пайдо кунем ин шоъ Аллоҳ.

